***ТДУ 83.3***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-245-254***

***ТАРАННУМИ ВАТАН ВА МУҚАДДАСОТИ ОН ДАР АШЪОРИ НИЗОМ ҚОСИМ***

***Маҳкамов Дороҷон Сухробҷонович****, докторант (PhD)-и кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода(Тоҷикистон, Душанбе)*

***ВОСПЕВАНИЕ РОДИНЫ И ЕЁ СВЯТЫНЬ В ПОЭЗИИ НИЗОМА КОСИМА***

***Махкамов Дороджон Сухробжонович****, докторант (PhD) кафедры теории и истории литературы Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода (Таджикистан, Душанбе)*

***CHANTING OF THE HOMELAND AND ITS SHRINES IN NIZOM QOSIM'S POETRY***

***Mahkamov Dorojon Suhrobjonovich,*** *Doctoral Student (PhD) of the Department of Theory and History of Literatur, Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda(Tajikistan, Dushanbe),* ***E-mail:*** *doro.suhrobi@mail.ru*

***Калидвожаҳо****: Ватан, Пешвои миллат, ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ, Парчами давлатӣ, забони миллӣ, устоди ашъори ватандӯстӣ*

*Мавзуи асосии мақола инъикоси таранนуми Ватан ва муқаддасоти он дар ашъори шоири маъруф Низом Қосим мебошад, ки бо саъю кӯшиши хеш ҳамчун яке аз саромадони шоирони ватансаро дар даврони Истиқлоли кишвар шинохта шудааст. Қайд мешавад, ки шоир пастию баландии бунёди давлати мустақили Тоҷикистонро бо чашми хеш дидаву дарду алами мушкилоти онро дар тану рӯҳаш эҳсос бинмуда. Бинобар ин, лаҳзае бе андешаи Ватан буда натавонистаю таранนуми Ватан магзи ашъори ӯро ташкил додааст. Собит мешавад, ки мавқеи Ватан ва тарғиби ватандӯстӣ дар эҷодиёти шоир дар мақолаи фавқ ба панҷ қисмат: таранนуми Ватан ва ватандӯстӣ; Истиқлоли давлатӣ; Ваҳдати миллӣ; Парчами давлатӣ; Забони давлатӣ тақсим гардида, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар мақолаи мазкур омада, ки дар тамоми навъу жанрҳои ашъори сароидаи Низом Қосим маҳаки асосӣ ситоиши Ватан мебошад. Дар ин бобат шеърҳои Низом Қосим боиси омӯзиши муҳаққиқон ва пайравии эҷодкорони ҷавон шуда метавонад.*

***Ключевые слова:*** *Родина, Лидер нации, Национальное единство, Государственная независимость, Государственный флаг, национальный язык, мастер патриотических стихов*

*Основной темой статьи является анализ патриотической в поэзии известного поэта Низама Косима, который признан одним из наиболее выдающихся поэтов-патриотов в период независимости Таджикистана.Отмечается что, поэт Низом Косим в своем творчестве описал процесс становления независимого Таджикистана и проникся трудностями и вызовами, которые сопровождали этот путь, воплощая свои чувства и мысли в стихах, где ода Родине стала центральным мотивом. Статья разделяется на пять разделов, посвященных различным аспектам роли Родины и патриотизма в творчестве Низома Косима: ода Родине и патриотизму, государственная независимость, национальное единство, государственные символы (флаг и язык). Подчеркивается, что в творчестве Низома Косима любовь к Родине является основным мотивом во всех жанрах его стихов, что делает его творчество предметом изучения для исследователей и вдохновением для молодых поэтов.*

***Keywords:*** *Homeland, Leader of the Nation, National Unity, State Independence, State Flag, National Language, Master of Patriotic Poetry*

*The main topic of the article is the analysis of patriotic poetry in the famous poet Nizam Kosim, who is recognized as one of the most outstanding poets-patriots during the period of independence of Tajikistan.It is noted that the poet Nizom Kosim in his work described the process of formation of independent Tajikistan and was imbued with the difficulties and challenges that accompanied this path, embodying his feelings and thoughts in poetry, where the ode to the Motherland became the central motif. The article is divided into five sections devoted to various aspects of the role of the Motherland and patriotism in the work of Nizom Kosim: ode to the Motherland and patriotism, state independence, national unity, state symbols (flag and language). It is emphasized that in the works of Nizom Kosim, love for the Motherland is the main motive in all genres of his poetry, which makes his work a subject of study for researchers and an inspiration for young poets.*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эҳё ва гиромидошти арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, арзишҳои таърихӣ ва фарҳангии миллатро аз омилҳои муҳимтарини худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон медонанд. Эшон дар назди эҷодкорон чунин вазифа гузоштанд:

"Бояд таблиғи ғояҳои Истиқлолияти миллӣ, Ваҳдати миллӣ, таҳкими суботи сиёсӣ, инъикоси дурусти зиндагии мардум ва рушди рӯзафзуни Тоҷикистон вазифаи муқаддасу меҳварии адабиёт ва адибони тоҷик қарор бигирад"[6,с.13]. Дастурҳои мазкур - таблиғи ғояҳои Истиқлолияти миллӣ, Ваҳдати миллӣ, таҳкими сулҳу субот, инъикоси дурусти зиндагии мардум ва рушди рӯзафзуни Тоҷикистон, бархоста аз дигаргуниҳои куллии солҳои 90-уми асри гузашта дар таърихи тоҷикон мебошад. Чуноне зикр шуда, яке аз нуктаҳои асосии дастуроти фавқи Пешвои миллат таблиғи ғояи Истиқлолияти миллии Тоҷикистон буда, аз тарғиби Ватану тараннуми ватандӯстӣ тавассути ашъори марғуб ва таъсирбахш иборат мебошад.

Албатта, мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ дар адабиёти тоҷик, аз ҷумла, назм таҷрибаи зиёда аз як асрро дорад. Мафҳуми «ватан» ба маънии иҷтимоӣ бори аввал пеш аз Инқилоби Октябр истифода шуд: Дар ин давра «дар адабиёти равшангарӣ вожаи «ватан» бештар маънои иҷтимоӣ гирифт ва мафҳуми «модар-ватан» пайдо шуд» [14,с.169]. Аз ҷумла, як шеъри Фитрат дар бораи Бухоро бо мисраи зер шурӯъ гардидааст: «Эй модари азизи ман, эй хиттаи Бухоро!» Ин шеър боиси ба вуҷуд омадани мафҳуми «модар-ватан» гашт, ки то ба имрӯз ба кор меравад. Пас аз он дар солҳои бистуму сиюм «ватан» ва «ватандӯстӣ» ба яке аз мавзуъҳои асосии адабиёт табдил ёфт.

Аммо тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори шоирони тоҷик, асосан, пас аз ғалабаи халқи шӯравӣ дар Ҷанги Бузурги Ҷаҳонӣ, аз нимаи дувуми асри бистум ҷоннок гашт. Дар ин бора И. Бобомаллаев нигоштааст: «Дар адабиёти тоҷикии нимаи дувуми асри 20 шоирони насли нав дар шарҳу гироиши мафҳуми Ватан кӯшиш ва ҷасорати адабӣ нишон дода, дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пос доштани хотири фидоиёну қаҳрамонону бузургон саҳм гирифта, ба ин минвол ба халқу диёр пайванди рӯҳию равонию ҷисмонӣ доштанашонро собит карданд» [3,с.107]. Дар ашъори шоирони даврони баъдтар - солҳои ҳаштодум низ, аз ҷумла, дар шеърҳои Н.Қосим тасвири қаҳрамониҳои муҳофизони Ватан ва заҳмати мардуми ақибгоҳ тасвир ёфтааст.

Дар ашъори Н.Қосим васфи Ватан, тарғиби ватандӯстӣ, асосан, баъд аз Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1991) ҷойи аввалро пайдо кард. Н.Қосимро имрӯз метавон ҳамчун яке аз саромадон ва устодони ашъори ватандӯстона дар давраи Истиқлоли давлатӣ шинохт. Ашъори ватандӯстона яке аз қисматҳои асосӣ ва муҳимми осори ӯро дар беш аз сӣ соли Истиқлол ташкил медиҳад. Ин маъниро Камол Насрулло дар сарсуханаш ба маҷмуаи ашъори ӯ ифода кардааст: "Яке аз мавзуъҳое, ки дар шеъри Низом гоҳ ошкоро, гоҳ таҳтонӣ, аммо ҳамеша зуҳур дорад, Ватан аст, ки барои ӯ арзиши баландтар аз ҳамаро дорад ва тамоми мавзуъҳои дигар дар шеъри ӯ дар меҳвари ҳамин мавзуъ бол мезананд" [5,с.7]. Дар ҳақиқат, бояд гуфт, ки тамоми ашъори Низом Қосим хоҳ публитсистию иҷтимоӣ, хоҳ лирикию тасвирӣ, хоҳ достону манзумаҳо аз мавзуи Ватан нашъа гирифтаанд.

Дар ин бобат муҳаққиқ, яке аз пажуҳишгарони асосии осори Н. Қосим Юсуф Акбаров низ ибрози ақида карда: «Низом Қосим чун як ватандӯсти содиқ мавқеи муайяну мустаҳками худро дар ҷодаи Ваҳдату Истиқлолияти миллӣ дорад ва шеърҳои зиёде дар ин мавзуъҳо гуфтаасту Ваҳдати миллӣ, Истиқлолият ва Сарвари некманиши онро сурудааст" [2, с.6]. Ин муҳаққиқ илова бинмуда, ки "баъди соли 1997 дар шеъри тоҷикӣ, умуман ва дар ашъори Низом Қосим... тасвиру тафсиру ташреҳу тарғибу ташвиқи рӯҳи қаҳрамонӣ, озодию адолату истиқлолиятхоҳии халқ, ки қаблан дар шеъру адаби мо оғоз гардида буд, ҷиддитару равшантару фарохтару пурсӯзтар гардид" [2,с.7]. Дар ҳақиқат, дар шеърҳое, ки муҳаққиқи номбурда зикр карда ва умуман, дар ашъори ду даҳсолаи охири Н.Қосим Ватан мавзуи асосӣ ба ҳисоб меравад. Худ иқрор шуда: "Аслан, ду пайванд аст, ки одамиро дилбастаи зиндагӣ медорад - яке, пайванди ёр ва дигаре, пайванди диёр" [7,с.24]. Маҳз ҳамин ду пайванд аст, ки ӯро ба дараҷаи шоирони беҳтарини ватансаро расонидааст. Бояд гуфт, ки мавзуъҳои ватандӯстӣ, ситоиши Президент, истиқлолият, ваҳдат, муқаддасоти миллӣ чун парчам, забони давлатӣ дар ашъори Н.Қосим дар алоқамандӣ ба ҳам инъикос шудаанд. Баъзан дар як шеър ҳамаи ин мавзуъҳо паҳлуи ҳам омадаанд. Масалан, калимаву маъниҳое, ки ба Ватан, Ваҳдат, Истиқлол тааллуқ доранд, дар ҳамон як шеър ("Иқболи баланд" ва "Боли мо, иқболи мо") дар якҷоягӣ истифода шудаанд:

Ваҳдат баланд иқболи мост,
Бунёди истиқлоли мост [8,с.43].

---

Дилкушо ҳар рӯзи ту
Рӯзи Истиқлоли мост,
Болафшон парчамат
Боли мо, иқболи мост [9,с.31].

Бо мақсади ба таври мукаммал ва аёнӣ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани мавзуи мазкур - мавқеи Ватан ва тарғиби ватандӯстӣ дар ашъори шоир ин ҷо мавзуи мазкурро ба панҷ қисмат: таранनуми Ватан ва ватандӯстӣ; Истиқлоли давлатӣ; Ваҳдати миллӣ; Парчами давлатӣ; Забони давлатӣ тақсим намуда, мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

**1. Тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ.** Шеърҳои ватандӯстона меҳвари ашъори Н.Қосимро ташкил медиҳанд. Тамоми мавзуъҳои дигар дар атрофи он давр мезананд ва аз он сарчашма мегиранд. Беҳтарин ашъори шоир ба тараннуми Ватан ва тарғиби ватандӯстӣ бахшида шудаанд. Дар шеъри “Пайванди Ватан”, ки аслан мавзуаш вазифаи шоир ва ҳунари шоирӣ аст, мегӯяд:

***Суханро баски пайванди Ватан кард,***
***Кунад бӯи Ватан ҳар ҳарфи шеъраш***... *[10,с.32].*

Пас аз истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон (охири солҳои навадум) калимаи «Ватан» тоҷи сари ашъори Н.Қосим гардид. Мақсади шоир аз он иборат аст, ки захмҳои ҷанг шифо бахшида, дигар ба чунин бесарусомонӣ роҳ дода нашавад. Барои расидан ба ин ҳадаф - сулҳу салоҳ, шоирон ҳам ҳисса гузошта метавонанд. Аммо дуруст аст, ки на ҳар шоир аз уҳдаи ин масъулияти баланд мебарояд, на ҳар эҷодкор имкон ва иқтидори сароидани бузургии Ватанро дорад. Барои расидан ба ин мақсад чӣ бояд кард, Н.Қосим чунин раҳнамоӣ кардааст: “Кори шоир набояд васфи муҷарраду номушаххасу умумию беҳадафу бедардонаи Ватану миллат, балки дарёфти шеърияти ин мафҳумҳои муқаддас бошад” [11,с.189]. Худи ӯ дар ин бобат намуна буда, аз суханҳои хушку обшуста ва шиорнамо дурӣ ҷуста, ифода ва калимаҳои обдору оҳангнокро дар васфи Ватан ба кор бурдааст. Мулку фазои сухани ӯ басо фароху баланду амиқ, дилкашу зебост. Чунон ки худ таъкид бинмуда:

***Маро ҳарчанд дунё кард афгор,***
***Ҷаҳонро ман пур аз афкор кардам!*** *[10,с.557]*

Силсилаи шеърҳои «Савтҳо аз ошёни бахт» дар китоби «Насими сабзи меҳр» пурра ба Ватан бахшида шудаанд: “Ҳисор”, “Меҳвари халқ”, “Чашма”, “Ҷаҳони дар ҷаҳон”, “Боли мо, иқболи мо”, “Мулки ҷовидон”, “Яктост Тоҷикистон”, “Суруди ҷавонон”, “Насли созанда”, “Ватан”, “Эй Ватан, бас кор дорӣ...” ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Калимаи “ҳисор” дар шеъри ҳамном дар таркиби ибораҳо ба чанд маъно омадааст: “ҳисори ман”, “ҳисори обу гил”, “ҳисори дил”, “ҳисори гил”, “ҳисори ҷон”, “Ҳисори Шодмон”, “Манам садаф, садаф манам; Садаф туӣ, туӣ садаф!”..., ки шеърро пуробуранг ва таъсирбахш кардаанд. Дар шеъри “Меҳвари халқ” таъбирҳои чун “Ватан, эй болу эй парвоз; Самоиву пари халқӣ” [9,с.27] дарёфти хуби шоир ба ҳисоб меравaнд, яъне, Ватан болу парест, ки инсонҳоро ба парвоз ҳидоят мекунад.

Дар қитъаҳои хурд низ ватан бо усули муъҷазбаёнӣ тараннум шудааст. “Мехкӯб”, “Касе зад санг...”, “Киштию бодбон”, “Зинда бодо!”, “Садафу гавҳар”, “Зону зада будам...” аз чор мисраъ иборатанд. Тасвир ва муқоисаи аҷиб дар қитъаи “Зону зада будам...” ба чашм мерасад:

***Эзорчаҳои кӯдакиамро***
***Бингар, ҳама кандагӣ сари зону –***
***Зону зада будам, эй Ватан, аз ҷон,***
***Аз тифлии хеш ман ба пеши ту!*** *[9,с.38].*

Аз қитъаҳои зер бармеояд, ки шоир ватанро чунон дӯст медорад, ки дар васфи он забонаш лол мондааст:

***Ватанам!***
***Чор сӯи ту бувад қиблаи ман,***
***Худ бигӯ,***
***Ман ба кадомин сӯят***
***Саҷда кунам?!*** *[10,с.466].*

Бояд гуфт, ки шеъри ватандӯстона ҳама вақт ботантана нест, танҳо рӯҳбаландкунанда мебошад. Чунонки М. Шакурӣ дар бораи Пайрав Сулаймонӣ қайд бинмуда, ки ӯ “шеърҳое дорад, ки шикоятомезанд”, аммо дар зимн ишора кардааст, ки “ин шеърҳо ватандӯстии шуълавари Пайравро намоиш медиҳанд” [14,с.403]. Ба ин монанд шеъри «Ватандор»-и Н.Қосим оҳанги маҳзунона дорад: «Ман ба дунё омадам фасли хазон»; “Дардолуд аллаҳои модарам; Кард дардолуд дилро дар барам»... Сипас, модару Ватан чун рамзҳои ба ҳам монанд ёдовар мешаванд. Бинобар ин, рӯҳбаландона таъкид карда, ки ҳар қадар норасоӣ, дарду доғ дошта бошам, «расоям бо Ватан».

Дар шеъри дигар қаҳрамони лирикӣ бар он аст, ки аз файзи хоки Ватан “хокиему хоксорем» [10,с.225]. Ҳамин тавр, шоир бисёр вақт ҳангоми тараннуми Ватан аз давлати асосӣ - об ва хок ёд кардааст:

*Ин хок такягоҳи мо,*
*Ин об обрӯст [9,с.24].*

Дар маҷмуаи «Тафсири панҷ оҳ» (соли 2008) таҷрибаи ватансароии шоир бештар гашта, нигоҳи ӯ ба мавзуъ амиқ шудааст. Н.Қосим дар шеъри «Ормон», ки аз забони Пешвои миллат мебошад, "Бувад нонрезаву нони Ватан болои чашмонам", - гуфта, аз таъбири маълуми халқӣ истифода намудааст. Байти охир аз забони Қаҳрамони асар – Пешвои миллат бошад ҳам, маълум аст, ки орзуи шоирро низ ифода карда, ки ҳар ду бо ғуруру итминон ваъда додаанд:

***Кунам тоҷи сари дунё дилоро Тоҷикистонро,***
***Зи тахту тоҷи ин дунё ҳаминам ормон бошад** [9,с.3].*

Н.Қосим бо маҳорати баланди касбӣ дар ифодаи мазмунҳои мушаххас ифодаҳоеро кор фармуда, ки ҷаҳонбинӣ ва дониши хонандаро афзун менамоянд. Бо ин мақсад шоир хонандаро ба мулоҳизаву андешаронихои ҷолиб ҷалб месозад. Ба қавли Рустам Ваҳҳобзода, усули мазкур - "саҳм гирифтани хонанда дар кашфи асари ҳунарӣ лаззати маънавӣ ва эстетикӣ ва ҳамзамон эътимоди ӯро ба асари бадеъ дучандон мекунад" [4,с.167]. Яъне, шарт нест, ки дар шеър ҳама чиз равшан бошад, бояд хонанда низ фикр кунад. Вобаста ба ин, Н.Қосим дар шеъре, ки бо мисраи «Тоҷикистон» шурӯъ шудааст, танҳо сифат ва аломатҳои ин сарзаминро ба мисли «камзамин», «беканора», «сарбаланд», «қуллаи нангу ор», «боғ», ҷовидон» ва ғайра номбар карда, хулоса ба зиммаи хонанда вогузор шудааст. Шеър аз ҳусни ният, ватандӯстӣ ва қаринии қаҳрамони лирикӣ ба гуфтаҳои болои асар дарак медиҳад.

Толиб Луқмон дар мавриди маҷмуаи «Оташи тасвир» зикр карда, ки «аз назари танаввуи шакливу мавзуӣ ин силсилаи шеърҳо ғанианд ва аз гулу гиёҳу обу хоки Ватан сар карда, то мавзуъҳои густардатарро фаро гирифтаанд ва дар қолабҳои суннатие чун маснавию ғазал ва қолабҳои нави шеър, монанди чаҳорпораву арӯзи озод суруда шудаанд" [13,с.5]. Дар ҳақиқат, ашъори ватандӯстонаи Н.Қосим дар шаклу жанрҳои гуногун навишта шудаанд.

Оид ба мавзуи аскарбачагон ашъори меҳанпарастона «Балладаи марзбон» аз аҳамияти калон бархурдор аст. Он «дар қолаби чаҳорпора рӯи коғаз омада ва дар ҳар банди он ҳолати рӯҳии марзбон ва фазои перомуни ӯ бо чирадастӣ тасвир шудааст. Ин шеър ҳосили бархурди шоир бо ҳодисаҳои марзии Тоҷикистону Қирғистон аст ва дар миёни шеърҳои дар ин мавзуъ эҷодшудаи шоирони дигар имтиёзи хос дорад ва бе тардид онро метавон аз ҷумлаи муваффақонатарин ашъори иҷтимоиву сиёсии солҳои охир ба шумор оварди…» [13,с.7].

Хитобаву шиор ва даъватҳо яке аз махсусиятҳои ашъори Низом Қосиманд, ки на танҳо дар шеърҳои иҷтимоӣ, балки дар шеъри лирикӣ низ истифода шуда, онро на хушку публитсистӣ, балки равшану фаҳмо кардаанд. Бале, мавзуъҳое чун иҷтимоиёт, сиёсат, Ватан бе "шиор" буда наметавонанд. Зеро шиор, даъват ва муроҷиат аксар вақт зимни изҳори ватандӯстӣ ба кор меравaнд. Ҳангоми эҷоди шеъри ватандӯстӣ шоирон беихтиёр ба шиор рӯ меоранд. Ҳатто, истилоҳи нави "шоири шиор" ба вуҷуд омадааст. Аммо ин ҷо ҳам масъала равшан нест, зеро аввал суол ба миён меояд, ки худ шиор чист ва талаботи он аз чӣ иборат аст? 'Бинобар ин, таърифҳое, ки аз «шиор» шудаанд, он танҳо барҷастатарин, муассиртарин, нерумандтарин ва пурмаънотарин сухан метавонад бошад. То ба он ҳад, ки битавонад ба рамзу намод (символ)-и ҳастии иҷтимоӣ, таърихӣ, маънавӣ ва ё сиёсии як гурӯҳ ё миллат табдил шавад", - зикр кардааст Р. Ваҳҳобзода [4, с.148]. Мавсуф намунаи олии шиорро "*Бани Одам аъзои якдигаранд"* дониста, ки аз қитъаи машҳури Саъдии Шерозӣ мебошад. "Шиор»-и аслӣ дақиқан ҳамон чизест, ки муҳимтарин хосиятҳои дар он таъриф барои шеър номбаршударо дошта бошад: муҷаз, муназзам, ангезанда... Шиори воқеӣ ва аслӣ аз баландтарин ва ангезандатарин шеър ҳосил мегардад. Ҳар назме шеър ва беш аз он шиор намешавад" [4, с.154-155]. Толиб Луқмон ба шеъри шиори Н.Қосим чунин баҳо додааст: "Ба он шеърҳое, ки сурати хитобаву шиор доранд, фасоҳати каломy балоғати маънӣ, орояҳои лафзиву суварӣ ва таносуби мустаҳкам хос мебошанд» [13].

Образнокӣ ва бадеият дар чунин ашъор кам нагардида, баръакс, хушсадову фаҳмо ва дилрас шудаанд. Чунончӣ, дар шеъри «Наврӯзӣ»:

***Эй гунчаи нашкуфта, бишкуф ту ба пиндорам,***
***Эй барги хазондида, шав сабз ба ашъорам.***
***Эй шохаи бишкаста, машкан ту дили зорам,***
***Эй шохаи аз бар хам, хуш бод баҳоронат!***

Ғайр аз ин, дар ин шеър таъсири суханофаринӣ, образҳо ва тасвирҳои шоирони пешин ба чашм мерасанд: «нашкуфта», «бишкаста», «навкорам»…

Шоир аз муваффақият ва ободиҳои бадастомада пурра қонеъ нагашта, дар назди халқу Ватан вазифаҳои нав мегузорад. Вобаста ба ин, шеъри "Эй Ватан, бас кор дорӣ..." аз аҳамияти калони ҷамъиятӣ бархурдор мебошад. Шоир қайд карда, ки "корзори нав" бояд бисохт.

Ҳамчунин, мисраву байт ва ибораҳои ”Мактаби нав сохтӣ, омӯзгори нав бисоз!”; “Аз пайи пиндори нав, гуфтори нав, кирдори нав, Сохтӣ Наврӯзи нав, наврӯздори нав бисоз!”; “боғу баҳори нав бисоз!”; “раҳгузори нав бисоз!”; “пири кори нав бисоз!”; “шаҳсувори нав бисоз!”; “растагори нав бисоз!”... аз он ҷиҳат муҳиманд, ки аз даъват ва таъкиду супориш иборатанд, ки ҳамаи онҳо барои тавсеаи ҷомеаи нав заруранд. Дар умум, шоир тарафдори сохтани одами нав дар олами нав мебошад, бинобар ин, хулоса кардааст:

***Навдиёре кардаӣ барпо дар ин мулки куҳан,***
***Бо ҳамон ори куҳан соҳибдиёри нав бисоз!*** *[9,с.41].*

Н.Қосим бисёр вақт Ватанро дар радифи модар гузоштааст. Ҳар ду тамоми қувваю дармонашонро ба фарзандон мебахшанд. Ин маънӣ дар шеъри «Пайванд» хуб инъикос шуда:

***Ҳама пайванди ту як зарра туро бо худ бурд,***
***Аз ҳавои ту туро ҳамчу ҳаво бо худ бурд*** *[10,с.481].*

Сирри ба модар нисбат додани Ватан дар шеъри «Рози Ватан -Модар» ифшо гардидааст:

***Ман Модарам,***
***Тоҷикистонам…***
***Чӣ меҳоҳам аз ин дунё? –***
***Подор тахти бахти фарзандон.***
***…Дасти дуоям ҳамеша болост***
***Барои фарзандони хушгилам,***
***фозилам,***
***комилам****…* [10, с. 679-672].

«Дар сифату тавсифу арзиши Ватан-Модар бисёр навиштаанду гуфтаанд, вале андешаву биниши Н.Қосим дар ин мавзуъ тоза, гуворо ва гӯшнавоз аст» [2,с.28], - зикр кардаанд муҳаққиқон. Шеърҳои «Таронаи Ватан», «Суруди мо», «Баҳори Ватан», «Кишвари муқаддас», «Тоҷикистонам», «Оби Ватан», «Зинда бод!» аз ҷумлаи онҳост. Онҳо дар шаклу банду баст низ навовариҳо дошта, баъзеашон, аз ҷумла «Баҳори Ватан», «Таронаи Ватан» суруд мебошанд.

Рӯҳи Ватан аз азал бузург буда, дар шеърҳои шоир фаҳмиши он торафт васеъ гашта, олами ботиниву ҷисмонии ҳар яки моро фаро мегирад. Ҳарчанд аз он танҳо ном ва минтақаҳои кучак мондааст, шоир ватанашро «Ориёи ман» номидааст. Оре, вақте шоир дар бораи Ватан ҳарф мезанад, комёбиву шаъну шуҳрат ва таърихи бузурги он, воқеаҳои фаромӯшнашаванда, қаҳрамониҳои фарзандони онро ёд меорад.

Шеъри «Хатар» муҳим ва саривақтист. Он ҳанӯз соли 1985 навишта шуда, аз хатари дарпешистода бонги ожир мезанад. Дар он на аз душмани берунӣ, балки дарунӣ ёд мешавад, ки хеле пурхатар аст. Ин ҷанг бо мастӣ, пастӣ, қаллобӣ, ҷаллобӣ, бедардӣ, бепарвоӣ, хиёнат аст, ки шоир онро дар пайравӣ бо ибораи Ҷанги Бузурги Ватанӣ «Ҷанги Ниҳонии Ватанӣ» номидааст. Алайҳи ин лашкари пасти дарунӣ шоир лашкари виҷдон, ору номус ва адолатро даъват кардааст, ки бархезад:

***Ҳама хезем пайи ҳифзи Ватан,***
***Биситезем пайи ҳифзи Ватан!*** *[10,с.519].*

Фош намудан ва нишон додани симои аслии ватанбезорон ва ношукрони Ватан аз вазифаи шоир дониста шудааст. Ӯ ба онҳое, ки аз хориҷа истода, ба хоку диёр санг мепартоянд, нафрат бинмуда. Аз ҷумла, дар шеъри «Дили ҷаҳон» дар мурочиат ба чунин одамон изҳор дошта, ки рафтори онҳо беҷавоб нахоҳад монд:

***Дили ман зидди муштзӯронаш***
***Ҳамчу мушти гиреҳ фишурда бувад*** *[10,с.110].*

Дар шеъре, ки бо мисраи «Хор гуфта ҳар касе хори туро, худ хор шуд» шурӯъ мешавад, шоир аз онҳое, ки ватанро хор мекунанд ва хор карданӣ мешаванд, сахт домангир аст. Қаҳрамони лирикӣ ҳар хаси ватанро рӯйи мижгон карда, шабу рӯз ба ёди он зиндагӣ дорад. Дар шеъри «Ман сохтам, ту сӯхтӣ… (ба харобкорони Ватан)» низ аз вайронкорон ва душманони ин хоку диёр гила кардааст, дар он калимаҳои сохтан ва сӯхтан ҷолиб истифода шудаанд:

***Аз ҷону дил ин хонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ,***
***Як кишвари афсонаро ман сохтам, ту сӯхтӣ*** *[9,с.127].*

Як силсила ашъори ватандӯстонаи Н.Қосим ба сохтмонҳои бузурги аср ва тавсифи гӯшаҳои гуногуни Ватан, аз ҷумла, шаҳри Душанбе бахшида шудаанд. Ба ашъори ба шаҳри Душанбе бахшида дар силсилаи “Сайқали дунёи ман” инҳо дохил шудаанд: “Ғазалвори Душанбе”, “Шаҳри ошиқону шоирон”, “Душанбе”, “Сайқали дунё”, “Маркази мо”, “Бозгашт”, “Аз сад чаман беҳ”, “Душанберо Бухоро сохт...”, “Ба ҷой пайванд...”, “Пойтахти тоҷик”, “Шаҳри

умед", «Сипосномаи Душанбе» ва ғайра [9,с.99-113]. Дар яке аз онҳо аз ҳодисаҳои ҷанги бародаркуш ба риққат омада, ба хулоса шуда, ки дар пойтахт дигар аслиҳа ва шахси силоҳдор набояд бошад. Дар шеъри «Ғазалвори Душанбе» аз камондорон хоҳиш карда, ки панди Рӯдакиро фаромӯш накунанд, зеро агар Рӯдакӣ гуфта бошад: «Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост», Низом дар ҷавоб овардааст:

***Эй Рӯдакӣ, имрӯз бидеҳ беш зи ҳар рӯз***
***Панде ба зи худрафтаву ҳушёри Душанбе****.*

Мушоҳида мешавад, ки баъзан шеъри аз ҷиҳати сохт ва маънӣ лирикӣ дар асл маънии ватандӯстона пайдо кардааст. Ин усул дар шеъри «Бедорӣ» устокорона ба кор рафтааст. Сухан дар бораи бӯйи субҳ, савти бедорӣ, фарохии осмон, гармии офтоб ва дигар зебоиҳои табиат равад ҳам, аз ифодаи «бӯи бедорӣ», ки такрор омадааст, маънии сиёсӣ ба машом мерасад:

***Рӯшании субҳ бӯ дорад, -***
***Бӯи бедорӣ;***
***Парда аз рӯ мекушояд офтоб,***
***Сахт нуронист рӯяш – рӯи бедорӣ*** *[10,с.487-488].*

Баъзан шоир ба таври пӯшида ё ошкор аз мавзуи мавриди назар ба мавзуи дигар руҷӯъ мекунад. Ин ҳодисаро муҳаққиқон дар як мухаммаси Абдурауфи Фитрат бар ғазали Ҳилолӣ мушоҳида кардаанд; чунончӣ, мавзуи шеър ишқӣ аст, аммо шоир якбора ба мавзуи иҷтимоӣ даст мезанад:

***Эй боли ҳумо, соя маяфкан ба сари ман!***
***Шоҳаншаҳи фақрам, гами давлат киву ман кӣ?***

«Аз ин мухаммас аз мазмуни ишқӣ ба мазмуни иҷтимоӣ гузаштани шеър, аз «дарди ишқ» ба «дарди миллат" гузаштани шоир дида мешавад» [1,с.175]. Дар ашъори Н.Қосим ҳам чунин ҳолатҳо зиёд мушоҳида мешаванд. Гузаштан аз мавзуъҳои лирикаи ишқӣ, тасвирӣ, шарҳиҳолӣ ба мавзуи сиёсию иҷтимоӣ, ватандӯстӣ мушоҳида мегардад, ки қимати ашъорро афзудааст. Аз ҷумла, дар баъзе ашъори ба фанни шеъру фаъолияти эҷодӣ бахшидашуда ба мавзуи Ватан ишора намудааст, зеро ба андешаи ӯ ватандӯстӣ яке аз меъёрҳои муҳимтарини кори эҷодии шоирон мебошад:

***Ту тан ба заҳмати ҷонкоҳи шоирӣ додӣ,***
***Барои шеър зи ҷон ҷанги танбатан кардӣ*** *[10,с.737].*

Дар сарлавҳаҳои бисёр шеъру сурудҳо калимаи «Ватан» ҷой дода шудааст. Аз ҷумла, дар суруди «Ватан», ки мурочиатест ба ҷавонон, шиори писандидае ба кор рафта: "Касе намекунад Ватан, Ба ҷои ту, ба ҷои ман!» [10, с.773].

Мавзуи Ватан дар ашъори Н.Қосим махсусиятҳои хоси худро дорад. Дар он санъатҳои такрор, ташбеҳ, қиёс ва ғайра устокорона истифода шуда, таъсири шеърро афзун намудаанд, ин аст, ки бештари онҳо ба суруд табдил ёфтаанд.

**2. Истиқлоли давлатӣ.** Истиқлолият рукни асосии давлатдорист. Ин аст, ки шоири ватансаро Истиқлолияти Ватанро дар ҷойи аввал гузошта, дар тараннуми он саъю кӯшиши зиёд мекунад. Дар ашъори ӯ калимаи "Истиқлолият" зиёд ба чашм мерасад. Зеро Истиқлолияти давлатӣ яке аз дастовардҳои бузурги халқи тоҷик дар давоми ҳазорсолаҳо маҳсуб мeёбад.

Шеъри «Асли Истиқлол»-ро метавон сиёсӣ номид. Дар он асли Истиқлол аз ҷиҳати фалсафӣ ва иҷтимоӣ шарҳу баён шудааст. Ба онҳое, ки ин мафҳумро ночиз мегиранд, ҷавоби қатъии илмӣ додааст, ки Истиқлол «озодӣ аз зулмат» аст, «озодӣ аз худношиносӣ, нохешогоҳӣ", «озодӣ аз ғафлат» аст. Аз тарафи дигар, Истиқлолият вобаста аст ба зиндагии шоён, "обрӯи соф, адлу инсоф, ақли дурандеш, эътиқод, бандагии шахс бар қонун". Хуллас:

***Асли Истиқлолият ободӣ аст –***
***Ободии зоҳир...***
***Ободии ботин*** *[9,с.32].*

Дар яке аз шеърҳои шоир сарлавҳа ва зерлавҳаи зерин гузошта шудааст – «15 сол – 15 бол. Аз забони 15-солаҳо дар 15-солагии Истиқлол». Маълум мешавад, ки асар ба 15-солагии Истиқлоли ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Наврасони ҳамсоли Истиқлол дар он аз душвориҳои солҳои аввали Истиқлол нақл карда, ба майдони фаъолият баромадани фарзанди бошарафи Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмонро сабаби устувор гаштани Истиқлолият донистаанд:

***Аз миён бархост ногаҳ тоҷбарсар тоҷике,***
***Мулкро кард аз хатар огоҳ бофар тоҷике*** *[10,с.484].*

Ҳамчунин, дар муддати кӯтоҳ – 15 сол, ба ин қадар пешравиҳо ноил гардидан аз дастоварди бузург маҳсуб мeёбад. Бинобар ин, ҳар як рӯзи Истиқлол барои мардуми тоҷик иди бузургу тантанаи адолат ба ҳисоб меравад.

Дар ин шеър ва шеъри дигари «Сулҳ овард ӯ…», ки низ ба 15-солагии Истиқлоли давлатии кишвар бахшида шудааст, Истиқлолро ба «Наврӯзи иқболи дил» ташбеҳ дода:

***Эй Ватан, ҳар лаҳзаи бахти ту сад соли дигар аст,***
***Рӯзи Истиқлоли ту Наврӯзи иқболи дил аст** [12,с.7].*

Хизматҳо ва ҷонфидоиҳои Сарвари муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оштии миллӣ, барқарор кардани сулҳи саросарӣ ва ободонии кишвар ба давлатдории Сомониён монанд карда шудааст. Ин шеър ва асарҳои «Меъмори Истиқлол», «Ҳалолат шири модар…», «Ҳизби халқ. Дар ҳошияи оинномаи ҲХДТ», «5+1» ва ғайра, ки ба ситоиши Ватан, Истиқлол, Пешвои миллат, Ваҳдат бахшида шудаанд, дар маҷмуаи маъруфи «Рамзи Ватан» ҷой дода шудаанд. Дар шеърҳои «Меъмори Истиқлол», «Ҳизби халқ. Дар ҳошияи оинномаи ҲХДТ» ва саҳнаи манзуми «5+1» низ баробари ситоиши заҳматҳои Пешвои миллат аз Истиқлоли кишвар ёд оварда шудааст. Аз ҷумла, дар шеъри дувум омада:

***Тоҷикистон ҳам чу истиқлол ёфт,***
***Мурғи бахташ бол ёфт** [12,с.25].*

Ҳадафи асосӣ аз саҳнаи манзумаи «5+1» низ тавсиф ва тараннуми Истиқлол аст. Дар он Қаҳрамонони Тоҷикистон бо навбат ба сухан баромада, дар бораи роҳи душвори ба Истиқлолияти ҳақиқӣ расидани халқи тоҷик нақл мекунанд, ниҳоят, аз номи ҳама омадааст:

***Рӯзи Истиқлоли миллат буд моро ормон,***
***Бехалал иқболи миллат буд моро ормон,***
***Рӯҳи мо шод аст ин дам аз замин то бар само,***
***Чун ба Истиқлолу иқболаш расида халқи мо** [9, с. 11-12].*

Дар шеъри «Меъмори Истиқлол» сифатҳои Истиқлол, заҳматҳои Пешвои миллат дар барқарории он номбар шуда, бо мақсади таъкид, ифтихор аз Истиқлол ва заҳматҳои Пешвои миллат ин ду байт се маротиба такрор шуда, муҳташамии асарро пурқувват намудааст:

***Ту ёрӣ бо ҳама дунё, аё эй ёри Истиқлол,***
***Бувад дасту дилат пайваста андар кори Истиқлол,***
***Ба ҳар ҷо мондаӣ аз хештан осори Истиқлол,***
***Муборак ҷашни Истиқлолат, эй меъмори Истиқлол**! [12, с.18].*

Чӣ тавре мушоҳида шуд, вақте дар ин ва шеърҳои дигар шоир дар бораи Истиқлол сухан ба миён мегузорад, пеш аз ҳама, номи меъмори он - Пешвои миллатро ёдовар шудааст.

**3. Ваҳдати миллӣ.** Н.Қосим шоири ваҳдатсарост. Дар ашъори ӯ калимаҳои «Ватан», «Истиқлол», «Ваҳдат» хеле зиёд истифода шудаанд.

Истилоҳи «ваҳдат»-ро шоир борҳо шарҳу тавзеҳ дода. Аз ҷумла, дар шеъри хурд, аммо пурмазмуни «Ваҳдат» ин маънӣ хуб шарҳ ёфтааст. Андешаронихои шоир бисёр амиқу гуногунпаҳлуянд, ба қавли ӯ, калимаи «ваҳдат» ҳарчанд хурд аст, бузургу пурмазмун мебошад: он иборат аз ду ҳиҷо нест, як калима нест, садо нест, балки аз ҳамаи инҳо калонтар аст:

***Ваҳдат ду ҳиҷо нест,***
***Ваҳдат ду дил аст –***
***Сӯи ҳам боз.***
***Ваҳдат як калима нест,***
***Ваҳдат ду дасти меҳр аст –***
***Сӯи ҳам дароз…***
***Ваҳдат садо нест,***
***Ваҳдат садоқат аст –***
***Садоқати даст ба даст,***
***Садоқати дил ба дил,***
***Садоқати ёр ба ёр –***
***Саодати диёр!** [9, с. 115].*

Дар «Суруди ваҳдат» низ шарҳу тавзеҳи истилоҳҳо мавҷуданд; дар он аз таъриху махсусиятҳои ваҳдат сухан меравад. Барои таъкиди ҳадаф аз калимаҳои ҳамоҳанге чун «шарофатат», «ҷафокашида миллатат», «ҳикматат», «низоми расму одатат», «табобати табиатат», «канори пурмуҳаббатат», «қудратат» истифода шуда, калимаи «Ватан» барои таъсирбахшии суруд ба таври такрор омадааст:

***Расида даври ваҳдатат, аё Ватан, аё Ватан!***
***Муборак ин саодатат, аё Ватан, аё Ватан!.** [10, с. 486].*

Истилоҳҳои «Ваҳдат» ва «Ватан» бисёр вақт дар як радиф, бамаврид ба кор рафтаанд. Ҳамчунин, вақте дар бораи Ваҳдат сухан мегӯяд, симои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба назар оварда, ки маҳз Ӯ ваҳдати миллии халқи Тоҷикистонро таъмин карданд. Агар нек бингарем, «ваҳдат» маҳз бо кору пайкор ва даъватҳои шифоҳиву хаттии Президенти

мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷомеаи тоҷикон барқарор гардида, истилоҳи мазкур дар забони тоҷикӣ ин қадар сeристеъмол шуд. Аз ин рӯ, Н.Қосим Сарвари давлатро «Қаҳрамони ваҳдат» номида, ба ҳамин унвон шеъре навишта, ки дар он байти устодаш Бозор Собир «Номи туро нависем, эй Қаҳрамони ваҳдат; Бо оби ноби тилло дар тоқи Қасри миллат!»-ро нақароти шеър интихоб кардааст. Дар шеъри "Офтоби Ваҳдат" хизмати Пешвои миллат дар ҷамъу ҷӯр кардани халқи парешони тоҷик зикр гардидааст.

Шеъри «Файзи Ваҳдат» низ ба васфи ваҳдат – ин неъмати бебаҳо бахшида шуда, дар он ҳама дастовардҳои солҳои охири кишвар вобаста ва алоқаманд бо файзи Ваҳдат донистa шудааст. Дар ин шеър баъди ҳар чор мисраъ нақароти зер қуввату шаҳомати шеърро афзун бинмуда:

***Ҷовидон бошад ин нусрати халқи мо,***
***Давлати халқи мо – Ваҳдати халқи мо!*** *[12, с. 35].*

Дар шеъри «Офтоби Ваҳдат» заҳматҳои Пешвои миллат, ки моро ба ин неъмати бебаҳо – Ваҳдат, расониданд, ёд оварда шудааст: «Моро ба ҳам расондаӣ аз меҳру аз вафо, Эй офтоби Ваҳдати мо – Пешвои мо!» [38, с. 34]. Шеъри «Омин» орзуву омоли неки шоирро баён сохтааст: бигзор ҳама ваҳдат барпо кунанду барои ободии ватан кӯшиш намоянд:

***То дар амон бошад Ватан, эй ҳамдилон, омин кунед.***
***Хушдил шавад то марду зан, эй ҳамдилон, омин кунед...*** *[10, с. 383-384].*

Дар шеърҳое, ки бо мисраъҳои «Ҳамдастию ҳампой хуш боду муборак бод!» ва «Шодии тифлу модар дар остон муборак!» шуруъ шудаанд, шоир ҷашни Ваҳдатро бар ҳамдиёрон табрик намудааст. Аз ҷумла, дар шеъри дувум омада:

***Тахти баланди Ваҳдат табрик, Тоҷикистон!***
***Тоҷи каёни дерин, эй тоҷикон, муборак!*** *[8, с. 32].*

Умуман, "ваҳдат" истилоҳест, ки дар ҳақиқат, аз забони Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар забони тоҷикӣ густарда шуда, дар адабиёт ва забони халқ мавқеи баланди сиёсӣ ва иҷтимоӣ пайдо кард.

**4. Парчами давлатӣ.** Дигар аз муқаддасоти миллии шаҳрвандони Тоҷикистон Парчами миллӣ мебошад, ки шоирон дар васфи он асарҳои зиёд навиштаанд. Н.Қосим ҳамчун адиби ватандӯст, ваҳдатсаро ва эҳтиромгузори тамоми муқаддасоти кишвар дар ин маврид дасти боло дорад. Шеъри «Парафшон парчами мо зинда бодо!» ба рӯзи Парчами миллии ҷумҳурӣ бахшида шуда, шеъри сиёсӣ мебошад.

***Бувад он рамзи Истиқлоли тоҷик,***
***Раҳи парвози тоҷик, боли тоҷик*** *[10, с.537].*

Парчами миллии Тоҷикистон сазовори эҳтирому арҷгузории тамоми қишрҳои ҷомеа, хурду калони кишвар мебошад. Дар тамоми чорабиниҳои сиёсиву давлатӣ ва ҷамъиятиву фарҳангӣ он партавафшон гардида, ба дилу дидаҳо гармиву нур мебахшад. Аз ҷумла, варзишгарон баъди ҳар музаффарияти хеш Парчами кишварашонро болои сар мебардоранд ва Ватани хешро бо Парчаму Суруди миллии кишвар маълуму маъруфи оламиён мегардонанд. Аз ҷумла, ғалабаи бемисли гурзпарто Дилшод Назаров ба Н.Қосим илҳоми беназир бахшида, ки ӯ шеъри «Ҳама фарзанди Меҳан бод Дилшод!»-ро бо сарсухани муфассал ба чоп расонидааст. Дар он шоир изҳор дошта, ки маҳз Парчами барафроштаи Ватан ва шунидани Суруди миллии он худогоҳиву худшиносии мардумро боло хоҳад кард: «Ҳамаи он пирӯзиҳо Парчами диёри арҷманди моро парафшон карданд; ҳар яке аз ин дастовардҳо хишти зарине буданд ба Кохи бузурги худогоҳиву худшиносӣ, фахри инсониву ғурури ватандории халқи шарифи Тоҷикистони азиз».

Ҳамин тавр, чун тамоми шаҳрвандони асили Тоҷикистон Низом Қосим Парчами миллии Тоҷикистонро ҳамчун яке аз муқаддасоти муҳимми кишвар донистa, дар ашъораш обрӯю эътибори онро сутудааст.

**5. Забони давлатӣ.** Дигар аз муқаддасоти давлату миллат забони давлатӣ аст. Забони тоҷикӣ маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ба мақоми асосии худ – забони давлатӣ, соҳиб шуд. Ин аст, ки Сарвари кишвар дар минбарҳои баланди байналмилалӣ бо забони ноби тоҷикӣ ҳарф мезананд. Шоирони тоҷикро эътибори баланди сиёсии забони куҳани тоҷикӣ болу пар бахшида, дар ин маврид шеърҳои мондагор эҷод карданду мекунанд. Забон дар байни аҳли фарҳангу адаб эътибори баланд дорад. Ба қавли Алиасғари Шеърдӯст: «Ишқ ба меҳану забон ду рукни мустаҳками табйини ҳуввияти миллист, ки Низом Қосим ба хубӣ ин ду муаллафаро мавзуи ашъори худ қарор додааст…» [15,с.7]. Муҳаққиқи хориҷа маҳз Н.Қосимро ба ёд оварданаш беҳуда нест. Зеро ин шоири тоҷик аз баланд гаштани эътибори сиёсии забони тоҷикӣ илҳом гирифта, дар васфи он шеърҳои хуб иншо кардааст.

Яке аз шеърҳои аввалини Н.Қосим дар васфи забон шеъри ба таври озод иншошудаи "Забон" мебошад, ки ҳанӯз дар даврони шӯравӣ ба чоп расидааст. Маълум, ки дар он солҳо

вазъи забони модарӣ танг гашта, тақдири ояндаааш норӯшан буд. Бинобар ин, асарро метавон шеъри иҷтимоӣ донист. Шоир қиёси аҷибе оварда: агар олате дар зангӯла (забонак) вайрон шавад, он бесадо мешавад, забон дар даҳони инсон ҳам чунин аст:

***Бубин,***
***Зангӯла ҳам,***
***Чун безабон шуд,***
***Бесадо гардид,***
***Бубин –***
***Зангӯла ҳам,***
***Чун безабон шуд,***
***Зери по гардид** [8,с.210-211].*

Шоир аз он изҳори ташвиш карда, ки чуноне агар зангӯла безабон шавад, ба ғайр аз бозичаи дасти кӯдак чизе намешавад, монанди ин соҳибзабони безабон ҳам «бозичаи даврон» мегарданд. Дар охири даврони шӯравӣ чунин хатар ҷой дошт. Албатта, мумкин аст баъзеҳо бо забони ғайр суҳбат кунанд. Аммо забони бегона дар даҳони онҳо намеғунҷад:

***Чӣ сон аммо забоне?-***
***Сарду бегона,***
***Садо ояд аз он бедарду бегона,***
***Забони бегона аст азбас, нагунҷад дар даҳоншон,***
***Халал орад ба овошон** [8, с.211].*

Бинобар ин, ба қавли шоир, «ҳар кишвареро, ҳамчу як инсон, забони хеш мебояд». Шоири ояндабин ба хулоса омадааст:

***Забон ҳам***
***Чун ҳама гӯёдили нолол***
***Истиқлол мехоҳад** [8,с.212].*

Эъҷози сухан ва ифодаи маъниҳои амиқ дар шеъри «Эй тоҷикӣ…» мушоҳида мешавад. Калимаҳои «дарӣ» ва «дарбадар» далели гуфтаи болост. Калимаи “дарӣ”- ро шоир бо дарбабарӣ муқоиса кардааст:

***Аз реша ҷудову барҳазар кардандаш,***
***Дар киши худаш чӣ бесамар кардандаш.***
***Диданд, ки номи дигараш ҳаст дарӣ,***
***Як ханда заданду дарбадар кардандаш** [10,с.337].*

Дар асари мазкур тақдири номусоиди забони тоҷикӣ дар даврони гуногуни таърих ёдовар шуда, шоир ба онҳое, ки ба ин масъала бепарвоӣ зоҳир мекунанд, муроҷиат карда, ки забон ба ҳукми модар аст, аммо «модар биравад, забони модар монад»:

***Бар қисмати ҷовидони модар нигаред –***
***Модар биравад, забони модар монад**… [10,с.337].*

Маълум мешавад, ки баҳсҳои забони тоҷикӣ дар ҳар сад сол аз нав ба миён меоянд ва хомӯш шудан надоранд. Ҳатто, баъди ба Истиқлоли давлатӣ расидани кишвар низ ин баҳсҳо идома ёфтанд. Он ҳеҷ тоҷики ватандӯстро бояд бетараф нагузорад. Бинобар ин, шоир ба бетарафон муроҷиат кардааст:

***Эй бепадарон, ки ин қадар бетарафед,***
***Тақдири забони модарӣ ҳал бишавад**! [10,с.337].*

Вақте забони модариро гум мекунӣ, бидон, ки Ватан ҳам надорӣ. Касе, ки забонро санг бизанад, ӯро «як рӯз Худои меҳрубон хоҳад зад». Зеро ҳурмату эҳтироми забон ва модар як аст. Дар шеъри дигар аз баргузории Рӯзи забон изҳори шодӣ намуда, орзу карда, ки кош, ҳар рӯз Рӯзи забон бошад:

***Тамоми халқ дилсӯзи забон бод,***
***Тамоми фасл наврӯзи забон бод,***
***Дуо ин аст, эй соҳибзабонон,***
***Ҳама рӯзи шумо Рӯзи забон бод!** [10,с.810].*

Хуллас, дар ашъори шоири ватандӯст Низом Қосим масъалаҳои Ватан, Истиқлол, Ваҳдат, Парчами миллӣ ва забони давлатӣ ҳамчун рукнҳои асосии давлатдорӣ мавқеи муҳимро ишғол карда, шоир бо ҳисси ватандӯстӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлат бо истифодаи донишу истеъдоди баланди хеш ин муқаддасоти давлату миллатро бо самимияти хос тараннум кардааст.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Айнӣ, С. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ /С. Айнӣ.- Куллиёт.-ҷ.11, к.1.-Душанбе: Нашр.давл. Тоҷ.-1963.-506 с.
2. Акбарзода, Ю. Ҳосили умр ё ғановати шеър / Ю.Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2009. - 223 с.

3. Бобомаллаев, И. Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-7-уми асри 19 (дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ). Дисс. барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ. - Д.: 2020
4. Ваҳҳобзода, Р. Таносуб ва ҳунар дар шеър (рисолаи илмӣ-омӯзишӣ) / Р.Ваҳҳобзода. – Душанбе: Адиб, 2019. – 200 с.
5. Насрулло, К. Шоири ишқи Ватан ё фарёди набзи виҷдон / Низом Қосим.- Аз ассалом то вассалом.- Душанбе: Истеъдод.- 2014.- 864 с.
6. Низом, Қосим. Президент ва рушди адабиёт/Қ.Низом// Аз ҳақиқат, аз маҳорат, аз ҷасорат.- Душанбе: Дониш, 2022. - 208 с.
7. Низом, Қосим. Гул руста ҳар ҷо аз пайам... /Қ.Низом// Аз ҳақиқат, аз маҳорат, аз ҷасорат.- Душанбе: Дониш, 2022. - 208 с.
8. Низом, Қосим. Биё, дилро ба барги гул бипечонем /Қ.Низом// Низом Қосим. - Душанбе: Адиб, 2018. - 484 с.
9. Низом, Қосим. Насими сабзи меҳр / Низом Қосим. - Душанбе: Маориф, 2019. - 240 с.
10. Низом, Қосим. Аз ассалом то вассалом / Н.Қосим. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 864 с.
11. Низом, Қосим. Аз ҳақиқат, аз маҳорат, аз ҷасорат. - Душанбе: Дониш, 2022. - 208 с.
12. Низом, Қосим. Рамзи Ватан / Н.Қосим. – Душанбе: 2019. – 72 с
13. Толиби Луқмон. Шарораҳои “Оташи тасвир”, нашрияи “Адабиёт ва санъат” соли 2021.-№51, саҳифаи 10.
14. Шакурии, Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М.Шакурии Бухороӣ. - Душанбе: Пайванд, 2006. - 456 с.
15. Шеърдӯст, А. “Кӯҳи садо”-и шоир / Шеърдӯст А. Алиасғари Шеърдӯст.

**REFERENCES:**

1. Aini, S. Sheikh Muslihiddin Saadi Shirozi/S. Aini.- Kulliot.-v.11, k.1.-Dushanbe: Ishr. davl. Taj.- 1963.-506 p.
2. Akbarzoda,Yu.Harvest of life or wealth of poetry/ Yu.Akbarzoda. - Dushanbe: Adib, 2009. - 223 p.
3. Bobomallaev, I. The evolution of modern Tajik poetry in the 7th-50th years of the 19th century (in the example of the works of Aminjon Shukuhi). Diss. to obtain the degree of candidate of philological sciences. - Date: 2020
4. Vahhabzoda R. Proportion and art in poetry (scientific-educational treatise)/R. Vahhobzoda. - Dushanbe: Adib, 2019. - 200 p.
5. Nasrullah, K. The poet of the love of the homeland or the cry of the pulse of conscience / Nizam Kasim. - From peace to peace. - Dushanbe: Talent. - 2014. - 864 p.
6. Nizam Kasim. The President and the development of literature / From truth, from skill, from courage. - Dushanbe: Donish, 2022. - 208 p.
7. Nizam Kasim. Flowers everywhere from my trail... / From the truth, from skill, from courage. - Dushanbe: Donish, 2022. - 208 p.
8. Nizam Kasim. Let's wrap the heart in a flower leaf / Nizam Kasim. - Dushanbe: Adib, 2018. - 484 p.
9. Nizam Kasim. Green breeze of love / Nizam Kasim. - Dushanbe: Education, 2019. - 240 p.
10. Nizam Kasim. From peace to peace / N. Kasim. - Dushanbe: Talent, 2014. - 864 p.
11. Nizam Kasim. From the truth, from skill, from courage. - Dushanbe: Donish, 2022. - 208 p.
12. Nizam Kasim. Symbol of the homeland / N. Kasim. - Dushanbe: 2019. - 72 p
13. Talib Luqman. Sparks of "Image Fire", "Literature and Art" publication, 2021 No. 51, p. 10.
14. Shakuri Bukharai. A look at the Tajik literature of the 20th century / M. Shakuri Bukharai. - Dushanbe: Link, 2006. - 456 p.
15. Sheardust, A. "Mountain of Sound" by the poet / Poet A. Aliasghar Sheardust.